Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½, www/ddtt.tj)

**ТАҚРИЗИ**

мукарризи расмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновна ба диссертатсияи Кармышева Майсара Назруллоевна дар мавзӯи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат пешниҳод шудааст.

**Мубрам будани мавзӯи диссертатсия.**

Дар шароити ҷой доштани муносибатҳои иқтисодиёти бозорӣ самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ ва ҷалби онҳо ба соҳаҳои мухталиф таҳлили ҳаматарафа ва такомулро талаб менамояд. Захираҳои меҳнатӣ, ки бештар аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли мамлакатро дар бар мегиранд, пешниҳоди кувваи кориро ташкил намуда, барои истеҳсоли мол ва хизматҳо зарур мебошанд.

Дар сохтори омилҳои истеҳсолот ба захираҳои меҳнатӣ ҷои асосӣ ҷудо карда шуда накши калидии онҳо аз ҷиҳати рушди соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқ муайян шудаанд. Меҳнат аз иҷрокунандаи он – инсон ҷудонашаванда буда захираҳои меҳнатӣ сарчашмаи боигарии ҷамъиятро ифода намуда омили пешбарандаи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодиро ташкил медиҳанд.

Афзоиши шуморавии захираҳои меҳнатӣ имкониятҳои истеҳсолии иқтисодиётро васеъ мегардонад, лекин ба ин нигоҳ накарда дар аксарияти ҳолатҳо вазъияте ба назар мерасад, ки ин намуди афзоиш бо васеъшавии имкониятҳои истеҳсолии мамлакат ва баландшавии сатҳи шуғлнокӣ ҳамрадиф намебошад ва танҳо дар ҳолати  Самараи мусбат аз афзоиши

захираҳои меҳнатӣ метавонад фақат дар шароити мавҷудияти қобилияти соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ барои таъмини онҳо бо ҷойҳои корӣ ва истифодабарии фоиданоки онҳо ба назар расад.

Табиатан захираҳои меҳнатӣ ҳамчун яке аз шартҳои васеъшавии такрористеҳсол мушоҳида карда мешавад. Бинобар ин, аз баланд бардоштани самаранокии истифодабарии онҳо истифодаи оқилонаи иқтидори истеҳсолӣ баҳри ба даст овардани маҳсулоти зарурии имконпазир вобастагии зич дорад.

Алоқамандии сифатӣ бошад пеш аз ҳама бо талаботҳои хоҷагии халқ ба ҳайати касбӣ ва сатҳи тайёрии иқтидори кадрӣ вобастагӣ дошта, дар навбати худ мавҷудияти кадрҳои муайян бо сатҳи тайёрии мувофиқ барои васеъшавии намудҳои алоҳидаи истеҳсолот мусоидат менамояд.

Ба андешаи муаллиф, ки қобили дастгирист, маҳз дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ бояд шароитҳои муайяни ба талаботҳои ҳозиразамон ҷавобгар барои афзоиши маҳсулнокии меҳнат таъсис дода шаванд. Яъне ба меҳнат ҷалб намудани захираҳои меҳнатии нав ба гардиши хоҷагии халқ ҳамавақт бояд бо баландшавии самаранок истифодабарии онҳо ҳамрадиф бошад.

Ба фикри мо, маҳз аз ҳамин ҷиҳат муҳимият ва саривақт будани мавзӯи интихоб намудаи таҳқиқоти гузаронидаи Кармышева Майсара Назруллоевна бебаҳс буда, дорои аҳамияти амалӣ ва арзиши илмӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

## 2. Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисосҳо ва соҳаҳои илм.

Таҳқиқоти диссертатсионии гузаронида ва ба ҳимоя пешниҳод шудаи М.Н. Кармышева ба Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионӣ (КОА)-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат (Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, №6 тасдиқ шудааст) хусусан ба қисматҳои 2. Захираҳои меҳнатӣ

ҳамчун омили муҳими рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 4. Тавсифи миқдорӣ ва сифатии захираҳои меҳнатӣ; 10. Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, методҳои андозагирӣ, омилҳои таъсиррасон ва захираҳои афзоиш; 13. Танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ; таъсири муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ба рушди иқтисодиёт ва соҳаҳои он мутобиқат мекунад.

## 3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия ба дастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.

Навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия ба даст омада ба таҳлил, баҳодиҳӣ ва такомули истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар муносибатҳои нави муосир асос ёфта, пешкаш карда шудаанд.

Нуқтаҳои асосие, ки навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд, аз инҳо иборат мебошанд:

- таносуби истиллоҳҳои “захираҳои инсонӣ”, “иқтидори меҳнатӣ”, “сармояи инсонӣ” ва “захираҳои меҳнатӣ” кушода дода шуда, аз тарафи муаллиф қайд карда шудааст, ки захираҳои инсонӣ ҷамъи шумораи аҳолии мамлакат ва боигарии миллатро инъикос менамоянд. Иқтидори меҳнатӣ бошад, дар сатҳи корхонаи алоҳида муқаррар карда шуда ҳосили зарби шумораи меҳнати истифодашаванда ва вақти кориро ифода менамояд. Сармояи инсонӣ бевосита бо ташаккулёбии қобилиятҳои гуногуни одамон алоқаманд буда захираҳои меҳнатӣ бошанд шумораи аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли мамлакатро ифода менамоянд;

- нишондиҳандаҳои истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар доираи корхона, соҳа, минтақа ва иқтисодиёти миллӣ муайян ва пешкаш карда шудаанд, ки истифодабарии онҳо дар асоси муносибатҳои захиравӣ, хароҷотӣ, арзишӣ, интиҳоӣ ва чандирнокӣ зоҳир гашта, имкониятҳои қабули қарорҳои сифатан ва ҳаматарафа дурустро дар сатҳҳои номбар шуда фароҳам меоваранд, ки аҳамияти хосаро талаб менамоянд;

- вобаста ба омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба баланд бардоштани истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ муаллиф қайд менамояд, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар таҷрибаи кишварҳои Хитой ва Ҷопон бо дарназардошти ба инобат гирифтани хусусиятҳои миллӣ афзалтар мебошад. Зеро дар ин кишварҳо захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили асосии таъминоти рушди иқтисодӣ баромад карда, диққати махсус ба зиёд намудани ҳаҷми захира ва фаъолгардонии сармоя барои баланд бардоштани тахассуснокии коргарон, ҷорӣ ва истифодаи бештари технологияҳои нав, ки салоҳият ва масъулияти кормандонро зиёд мекунад, дода мешавад;

- барои баҳо додани таъсири вазъи демографӣ ба ташаккули захираҳои меҳнатӣ аз тарафи муаллиф коэффитсиенти ҳиссиёти тағйирёбии захираҳои меҳнатӣ вобаста аз тағйирёбии шумораи аҳолӣ ҳисоб карда шуда хусусиятҳои хоси нишондиҳандаи он дар ҳолати аз 1 калон ва хурд буданаш бояд муайян карда шудаанд;

- дар асоси таҳлили эмпирикӣ бо истифода аз усули сабабӣ-оқибатӣ, бо мақсади бартараф намудани сабабҳои пурра истифода нашудани захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ, муаллиф истифодаи саноатикунонии шуғли захираҳои меҳнатиро муқаррар намуда исбот кардааст, ки васеъшавии ҳаҷми истеҳсолоти саноатӣ метавонад ба пастшавии сатҳи муҳоҷирати меҳнатӣ ва истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд;

- самтҳои афзалиятноки инкишофи касбии захираҳои меҳнатиро муайян намуда, муаллиф равандҳои таъминоти сифатан баланди хизматрасониҳои таҳсилотии аз тарафи муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбӣ расонида шаванда, омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таълимӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти миллӣ, ҳангоми омодакунии мутахассисон ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнат ва хусусиятҳои соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ ва ғайраро муайян намуда аз ҷиҳати илмӣ асоснок намуда аст;

- дар кори диссертатсионӣ муқаррар карда шудааст, ки афзоиши маҳсулнокии меҳнат дар асоси паст намудани меҳнатғунҷоиши истеҳсолот, азнавкунии фондҳои истеҳсолӣ ва таҷдиди онҳо бо дарназардошти пешрафти илму техника, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир ба ҷараёни итсеҳсолот ва беҳтаргардонии ташкили истеҳсолот, самаранок истифодабарии вақти корӣ ва бартараф намудани шахшавии истеҳсолот, мутобиқаткунии маҳсулоти интиҳоии меҳнат бо сатҳи музди меҳнати пардохтшавандаи коргарони кироя ва кам намудани ҳиссаи шумораи ҳайати роҳбарону кормандони хизматрасон таъмин карда мешавад.

### 4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.

Муаллиф мавзӯи диссертатсия, мақсад ва вазифаҳои онро вобаста ба нақшаи мантиқии таҳқиқот муайян намуда, аз методикаи дар таҳқиқотҳои олимони соҳа асосёфта оиди таҳлили хусусият ва омилҳои баланд бардоштани истифодабарии самараноки захираҳои меҳнатӣ дар мисоли иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудааст.

Интишороти муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ эътимоднокии таҳқиқотро тасдиқ менамояд. Хулосаву тавсияҳо ва натиҷаҳои таҳқиқоти назариявии муаллифи кори диссертатсионӣ бо истифодаи методикаи муосир асоснок карда шудааст.

### 5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.

Натиҷаҳои асосии илмии дар кори диссертатсионӣ ба даст овардаи Кармышева Майсара Назруллоевна дар инкишофи захираҳои меҳнатӣ ба воситаи коркарди ҳолатҳои методологӣ оид ба истифодабарии оқилонаи онҳо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, ҳаматарафа самаранок истифодабарии иқтидори мавҷудаи захираҳои меҳнатӣ, ба эътибор

гирифтани хусусиятҳои иқтисодиёти индустриалӣ-аграрӣ ва иҷрои вазифаҳои нави таъмини рушди устувор ифода меёбанд.

Инчунин, дар доираи иқтидори соҳаҳои таҳлил карда шудаи хоҷагии халқ барои самаранок истифодабарии захираҳои меҳнатӣ дар шароити амалигардонии барномаҳои давлатии тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ асоснок карда шудаанд.

Натиҷаҳои назариявӣ, методӣ ва амалии ба дастовардашудаи тадқиқоти диссертатсионии тақризшавандаро дар ҷараёни таълим барои тайёр намудани бакалавру магистрон ва докторантҳо дар доираи омӯзиши фанҳои махсус, ба монанди “Бозори меҳнат”, “Идоракунии кормандон”, “Иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳаҳо”, “Ташкили истеҳсолот”, “Маркетинг”, “Асосҳои менеджмент” ва дигарҳо истифода кардан мумкин аст.

## 6. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Чуноне, ки аз таҳлилҳои маълумоти пешниҳодшуда бармеояд, муқаррарот ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 8 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақолаи илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (3-мақола дар алоҳидагӣ) ва 3 мақола дар маводҳои чоп шудаи конференсияҳои байналмиллалию ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ нашр шуданд, ки ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

## 7. Мутобиқати ба расмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.

Мазмун ва муҳтавои таҳқиқоти диссертатсионӣ, унсурҳои навгонии илмӣ, хулоса ва пешниҳодҳо дар автореферат ба пуррагӣ бо забони илмии тоҷикӣ дарҷ гардида, дар сатҳи зарурии илмию методӣ иҷро шудаанд. Диссертатсия ва автореферати он мувофиқи муқаррароти Комиссияи олии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба расмият дароварда шуда, ба талаботҳо ҷавобгӯ мебошад.

**8. Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия.**

1. Ба фикри мо, агар муаллифи диссертатсия дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмиро (с. 5-7) ва мақсаду вазифаҳои дар назди худ гузоштаро (с. 8) аниқтар ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок мекарданд, ба фоидаи кор мешуд.

2. Дар зербоби 1.1 (с. 23-31) муаллиф оиди мафҳумҳои “захираҳои меҳнатӣ”, “захираҳои инсонӣ”, “иқтидори меҳнатӣ” ва “сармояи инсонӣ” фикррониӣ намуда, дар асоси таҳлили маводҳои илмии мавҷуда қайд менамояд, ки байни онҳо фарқият (тафовут) ва ягонагӣ ба назар мерасанд, лекин андешаи худи муаллиф дар ин ҳолатҳо аниқ тавзеҳ дода нашудааст.

3. Вобаста ба омӯзиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ оид ба баланд бардоштани истифодаи самараноки захираҳои меҳнатӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф бештар ба таҷрибаи кишварҳои Хитой ва Ҷопон такя намудааст. Лекин роҳҳои истифода бурдани ин таҷрибаро бо назардошти хусусиятҳои миллӣ нишон надодааст (зербоби 1.3, с. 47-62).

4. Дар зербоби 2.2 (с. 90) муаллиф қайд менамояд, ки “Роҳи бартараф намудани чунин вазъиятро Ҷ.М. Кейнс дар китоби худ “Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул” пешниҳод карда буд”, аммо сарчашма ё иқтибос оиди ин масъала нишон дода нашудааст.

5. Баъзе маводҳои дар ҷадвалу расмҳо (масалан, 2.1, с. 70; 2.2, с. 71; 3.2, с. 128; 3.3, с. 129 ва ғ.) оварда шудаи диссертатсия хатогиҳои имлоӣ, техникӣ ва грамматикӣ доранд, ки бартараф намудани онҳо ба фоидаи кор мебуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки эроду тавсияҳои зикршуда, ба фикри мо, ба сатҳи баланди илмию амалии таҳқиқоти мазкур таъсири манфӣ

намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф зимни таҳқиқотҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

### 9. Хулосаи ҷамъбастӣ.

Ҳамин тариқ, дар асоси гуфтаҳои боло қайд намудан ба маврид аст, ки кори диссертатсионии аз тарафи Кармышева Майсара Назруллоевна иҷро шуда дар мавзӯи “Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат рисолаи илмию тахассусии мустақилона ба итмом расонида буда, ба талаботи пешниҳодгардидаи Комиссияи олии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси мазкур ба ҳисоб меравад.

**Муқарризи расмӣ:**
профессори
кафедраи менеҷмент ва маркетинги
Донишгоҳи (славянии)
Россия ва Тоҷикистон,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Д.С.

**Суроғаи донишгоҳ**: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.:(+992) 918-74-94-94 (моб.)
e-mail: dilbar_amonova@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Амонова Дилбар Субҳоновнаро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Донишгоҳи
(славянии) Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А.А.